Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 14-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар шароити имрӯза суғурта дар низоми идоракунии хавфу хатарҳои бонкӣ ва имкониятҳои паст намудани он мавқеи махсусро ишғол мекунад. Айни замон яке аз сабабҳое, ки бонкҳоро ба суғуртакунӣ водор месозад, афзоиш ва васеъшавии доираи қарзҳои батаъхирафтода ва мушкилситон мебошад, ки боиси муфлисшавии бонкҳо дар мамлакат мегардад. Аз ин ҷост, ки истифодаи суғурта дар амалияи алоҳидаи бонкӣ барои идора кардани як қисми хавфҳои бонкӣ зарур аст ва илова бар ин имкон медиҳад, ки доираи маҳсулоти бонкии пешниҳодшаванда васеъ карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки камбудии назарраси истифодаи суғурта дар амалияи бонкӣ афзоиши арзиши маҳсулот барои мизоҷ ва ё хароҷоти иловагии бонк мебошад. Бо вуҷуди ин, бонке, ки хавфҳои худро суғурта мекунад, дар бозори байнибонкӣ бартарӣ пайдо карда, дараҷаи обрӯи корӣ ва эътимодро ҳам дар байни муассисаҳои молиявӣ ва ҳам аз ҷониби мизоҷони худ боло мебарад.

Муҳаққиқ ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуи таҳқиқшаванда назарияҳои мактабҳои иқтисодӣ, олимону муҳаққиқони соҳаи иқтисодиро ҷамъоварӣ карда, суғуртакунии хавфҳои бонкиро мавриди омӯзиш қарор дода, вазъияти имрӯзаи суғуртакунонӣ ва ҳолати идоракунии хавфҳои онро дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст. Ҳангоми баррасии мавзуъ, муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

Диссертант дар қатори ҷанбаҳои назариявии мавзуи баррасишаванда, инчунин дар боби дуюми диссертатсия вазъияти имрузаи суғуртакунонӣ ва ҳолати идоракунии хавфу хатарҳои он дар бонкҳои тиҷоратӣ, хусусиятҳои асосии суғуртакунии хавфу хатарҳои бонкӣ, таҳлили ва арзёбии суғуракунонии хатарҳои бонкӣ, муайян намудани мушкилотҳои асосии суғуртакунии хатарҳои бонкиро мавриди таҳлил қарор дода, тариқи расмҳо ва ҷадвалҳо нишон додааст.

Таҳлилҳои диссертант нишон додааст, ки ҳалли мушиклот аз сабаби аҳамияти хосаашон барои рушди бемайлони бонкҳои тиҷоратӣ муҳим мебошанд, чунки онҳо ба баланд шудани сатҳи хизматрасонӣ аз ҳисоби кам шудани хатарҳо, мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертант хулоса намудааст, ки барои натиҷагири намудан аз роҳҳои пешниҳодшуда ва рушди минбаъдаи суғуртакунии хатарҳои бонкӣ ҳамкории бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ бо дарназардошти иқтидор ва дурнамои он такмил додани санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа хело муҳим мебошад.

Муҳаққиқ барои муайян кардани вобастагии байни нишондиҳандаи қарзи ипотекӣ ва омилҳои таъсиррасони сандуқи қарзию даромади пулии аҳолӣ, таҳлили коррелятсионӣ гузаронидааст.

Ҳангоми мавриди истифода қарор додани модели регрессионии арзёбии қарзҳои ипотекӣ муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки ба сифати омилҳои таъсиррасон – сандуқи қарзӣ ва даромади пулии аҳолӣ баинобат гирифта мешаванд. Ҳангоми ба як воҳид зиёд шудани сандуқи қарзӣ ва бетағйир мондани даромади пулии аҳолӣ, қарзҳои ипотекӣ ба ҳисоби миёна ба андозаи 0,0125 воҳид зиёд мегардад. Ҳамзамон, дар мавриди ба як воҳид зиёд шудани даромади пулии аҳолӣ ва бетағйир будани сандуқи қарзӣ, қарзҳои ипотеки ба ҳисоби миёна ба 0,0013 воҳид афзоиш меёбад (саҳ. 20).

Қобили қайд аст, ки дар автореферат методҳои муқоиса ва таҳлил ба маврид истифода шуда, объекти таҳқиқот мушаххасу аниқ баён гардида, пай дар пай ҷумлаҳо бо усулуби илмӣ ва забони асл тоҷикӣ эҷод шудаанд.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд. Масалан, муаллиф пешниҳоди ҷолиберо оид ба

марҳилаҳои ҳамкории ташкилотҳои суғуртавӣ бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро манзур сохтааст, ки қобили қабул мебошад. Агар муаллиф шарҳи марҳилаҳои ҳамкориро ба таври пурра ва мушаххас нишон медод, боз ҳам хубтару беҳтар мешуд.

Эроди зикршуда сатҳи тавсиявӣ дошта, натиҷаҳои назариявию амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Султонов Мусулмон Субҳонович дар мавзуи «Мукаммалгардонии низоми идоракунии суғуртакунонии хавфу хатарҳои бонкӣ» аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тавсия дода мешавад.

Муқарриз:
д.и.и., профессори кафедраи молия
ва қарзи Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон — Раҷабов Р.К.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ — Пирзода С.С.

**Суроға:**
734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
E-mail: tguk@mail.ru
Тел: 234-87-60